# ТАВЗЕҲНОМА

ба лоиҳаи Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №200 "Дар бораи муайян ва санҷидани шахсияти муштарӣ ва молик – бенефитсиар"

Зарурияти ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №200 "Дар бораи муайян ва санҷидани шахсияти муштарӣ ва молик – бенефитсиар", ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 20 декабри соли 2013, №305 тасдиқ шудааст, ин пеш аз ҳама мутобиқ намудани он ба талаботи тавсияҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявӣ (ФАТФ), хусусан тавсияҳои 1, 10, 11, 12, 22 ва 25, иҷрои "Нақшаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафъи камбудиҳои мутобиқати техникӣ ва баланд бардоштани самаранокии низоми муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (МҚД/МТ/МПСҚО)", ки аз ҷониби Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.04.2019 тасдиқ гардидааст (минбаъд – Нақша), инчунин мутобиқ намудани он ба Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом" ва "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" мебошад.

Вобаста ба ин, дар Дастурамали мазкур ворид намудани тағйиру иловаҳои зерин пешбинӣ гардидааст, аз ҷумла:

Бо мақсади иҷрои бандҳои 8 ва 20 Нақша ва мутобиқ намудани Дастурамали мазкур ба тавсияҳои 10 ва 25 ФАТФ, дар лоиҳа мафҳуми "сохтори хориҷии бе ташкили шахси ҳуқуқӣ" пешбинӣ гардида, дар замимаҳои 1 ва 2 тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шуд. Тағйиротҳои воридшаванда имкон медиҳад, ки мушаххаскунии

сохтори хориҷии бе ташкили шахси ҳуқуқӣ тавре, ки дар талаботи тавсияҳои 10 ва 25 ФАТФ муқаррар шудааст, ҷорӣ карда шавад.

Ҳамчунин, ҷиҳати мутобиқ намудани Дастурамали мазкур ба тавсияҳои 12 ва 22 ФАТФ, инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" дар лоиҳа илова намудани бандҳои нав (бандҳои $14^1$ ва $14^2$) пешбинӣ шудааст, ки тибқи бандҳои мазкур ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) уҳдадор гардидаанд дар лаҳзаи пардохти ҷуброни суғуртавӣ санҷиши дахлдори суғурташаванда, молик-бенефитсиар ва фоидагирандаро гузаронида, шахси бонуфузи сиёсӣ будани онҳоро муайян ва санҷиш намоянд.

Ғайр аз ин, ҷиҳати иҷрои бандҳои 8 ва 10 Нақша ва мутобиқ намудани Дастурамали мазкур ба тавсияҳои 12 ва 22 ФАТФ дар лоиҳа ворид намудани тағйиру иловаҳо ба банди 25, инчунин илова намудани банди $25^1$ пешбинӣ гардидааст, ки он андешидани чораҳо барои мушаххас кардани шахсони бонуфузи сиёсиро дар бар мегирад.

Илова бар ин, бо мақсади мутобиқ намудани Дастурамал ба тавсияи 11 ФАТФ дар банди $3^1$ дастурамал тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шуда, ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда уҳдадор шудаанд, ки сабтҳо оид ба амалиётро низ на кам аз панҷ сол пас аз анҷом ёфтани муносибатҳои корӣ нигоҳдорӣ намоянд.

Бо мақсади мутобиқ намудани Дастурамал ба тавсияи 1 ФАТФ ва иҷрои банди 1 Нақша ба банди 26 ҷумлаи нав ворид карда шуд, ки тибқи он ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда ҳангоми андешидани чораҳо оид ба ошкор, баҳодиҳӣ, назорат ва коҳиш додани хавфҳои ҚД/МТ/МПСҚО ва андешидани чораҳои санҷиши дахлдори муштарӣ натиҷаҳои баҳодиҳии хавфи миллиро ба инобат мегиранд.

Лоиҳаи мазкур бо назардошти таклифу пешниҳодҳои воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин ташкилотҳои бо маблағҳои пулӣ ва дигар молу мулк амалиёт анҷомдиҳанда таҳия гашта, дар он меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят

бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ба назар гирифта шудааст.

Қабули лоиҳаи мазкур қабл аз ҳама барои рафъи камбудиҳои дар Ҳисоботи баҳодиҳии тарафайни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби коршиносон-баҳогузорони Гурӯҳи Авруосиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм (ГАО) ошкоршуда ва тақвият бахшидани низоми миллӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом нигаронида шуда, аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад.

Раиси
Бонки миллии Тоҷикистон Ҷ.Нурмаҳмадзода